# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллоева Ҳангома Файзуддиновна дар мавзӯи «Коркарди технологияи маҳсулоти функсионалии қаннодии ордӣ бо иловаи орд аз донаи кадуи навъи маҳаллӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ, аз рӯи ихтисоси 05.18.01– Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ.**

Чи тавре, ки аз автореферати мазкур бармеояд, кори илмӣ ба яке аз масъалаҳои муҳими бахши хӯрокӣ ва коркарди маҳсулоти ғизоӣ бахшида шудааст. Аз ин лиҳоз, унвонҷӯй дар раванди иҷрои кори илмиаш, пеш аз ҳама ба технологияи коркард ва ба даст овардани маҳсулоти арзишманди ғизоӣ, ки барои саломатии инсон хело фоидаовар мебошад, даст задааст. Бояд қайд намуд, ки тарзи ғизогирӣ ва ғизои солим, бо қимати баланди ғизоӣ ва биологӣ яке аз омилҳои мухимтарини таъмин намудани саломатӣ ва коршоямии аҳолӣ ба шумор меравand. Аммо, бо сабабҳои гуногун маҳсулоти хӯрокаи кунунӣ ба талаботҳои стандартӣ пурра ҷавобгӯ нест. Дар ҳалли ин масъала истеҳсоли маҳсулоти функсионалӣ нақши муайянро мебозад.

Бинобар ин, таҳқиқҳо оид ба коркарди технологияи маҳсулоти хӯрокаи фунсионалии дорои қимати баланди биологӣ ва ғизоӣ, бо истифодаи ашёи ғайрианъанавӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои қайдшуда мусоидат менамоянд, мубрам буда, аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ доранд.

Унвонҷӯй Абдуллоева Ҳ.Ф. ба сифати объекти тадқиқот орди донаи кадуи навъи маҳаллии «Иродӣ»-ро ва технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодии ордии дорои хосиятҳои функсионалӣ, бо истифодаи ин ордро дар корҳои илмиаш интихоб намудааст. Таҳқиқҳои гузаронида шуда, муқаррар намудаанд, ки таркиби химиявӣ ва хосиятҳои технологии орди донаи кадуи навъи "Иродӣ", мукаммалгардонии технологияи истеҳсоли ду намуди маҳсулоти қаннодии ордиро, яъне ҳалвои миллӣ ва кулчақанд аз хамири резонак бо иловаи орд аз донаи каду, таркиби химиявӣ ва қимати ғизоию энергетикии маҳсулоти коркардшударо баланд мебардорад. Дар раванди иҷрои корҳои тадқиқотӣ, инчунин, бехатарии маҳсулоти коркарда шуда ва нишондодҳои микробиологии он муайян гардидаанд. Натиҷаҳои ба дастомада хосиятҳои функсионалии орди донаи кадуро исбот намуда, мақсаднок будани истифодаи ин ашёи ғайрианъанавиро дар технологияи маҳсулоти қаннодии ордӣ тасдиқ мекунанд.

Дар асоси маълумотҳои дар автореферати диссертатсия пешниҳод гашта, метавон гуфт, ки кори тадқиқотӣ ба итмом расида ба шумор рафта, барои истеҳсоли ғизои солим кумаки калон мерасонад.

Дар автореферат баъзе норасогиҳо мушоҳида мешаванд:

1. Дар қаламрави Тоҷикистон навъҳои зиёди каду парвариш меёбанд. Муаллиф сабаби интихоби кадуи маҳз навъи “Иродӣ”-ро асоснок накардааст.
2. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Аммо хатогиҳои қайдкардашуда аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намегардонанд.

Аз рӯи мубрамияти мавзӯъ, эътимоднокии натиҷаҳо, апробатсия ва тадбиқи онҳо дар амалия, ҳаҷм ва мундариҷа, кори илмии иҷрошуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистион ҷавобгӯ буда, муаллифаш Абдуллоева Ҳангома Файзуддиновна барои ба даст овардани дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисолси 05.18.01 –Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ сазовори мебошад.

Доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессор, мудири Озоишгоҳи
генетика ва селексияи растаниҳои
Институти ботаника, физиология
ва генетикаи растании Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Қ. Партоев

Суроға: 734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Карамов, 17.
Тел.: + (992) 935-700- 721
E-mail: pkurbonali@mail.ru

Имзои Қ. Партоев-ро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳо: Н.С. Умарова